**Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқӣ мурофиаи ҷиноятӣ**

Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои амалишавии кафолатҳои конститутсионии ҳифзи судӣ, ошкоро будани муҳокимаи судӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таҳлил гашта, мазмуни он таъмин гаштани адолати судӣ, риоя ва иҷрои ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи ҷиноятиро дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин роҳҳои таҳкими эътимод ба қонун ва мақомоти судиро фаро гирифтааст.

Рисоланавис заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди қоидаҳои баррасии ошкорои арзу даъворо дар ҳузури тарафҳо таҳлил намуда, зикр менамояд, ки таълимот ва андешаҳои пешқадами мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи тантанаи адолати иҷтимоӣ, ошкоро ва шаффоф дар ҳузури тарафҳо баргузор шудани мурофиаи судӣ санҷишҳои гуногуни таърихиро гузашта, ҳамчун таҷрибаи нодири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мо омада расидааст. Онҳо ҳамчун дастовардҳои миллӣ

аҳаммияти ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангии худро гум накардаанд. Имрӯз онҳо заминаи боэътимоди маънавии қонунгузории муосири миллӣ дар соҳаи рушди адолати судӣ буда, албатта, мувофиқ ба талаботи замони мо, асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мазмуну арзиши нав пайдо кардаанд.

Воқеан, заминаи боэътимоди маънавии қонунгузории муосири миллиро дастовардҳои миллӣ ба монанди ошкоро, дастаҷамъона, бо иштироки аҳли ҷомеа муҳокима шудани парванда, ки албата ба талаботи замони муосир бо назардошти асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мувофиқ ташаккул меёбанд, ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки айни замон Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд қарор дорад, ки дар он анъанаҳои миллӣ ва ғояҳои пешрафтаи адолати судӣ, аз қабили ошкоро, дастаҷамъона дар ҳузури тарафҳо бо забони давлатӣ баргузор шудани мурофиаи судӣ бо тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бо иштироки аҳли ҷомеа сарчашмаи ташаккули ҳуқуқи мурофиавии муосир ҳамчун пайвандгари мероси ниёгон бо фарҳанги насли имрӯза мебошад.

Дар воқеъ, таҳқиқоти суратгирифта, пажуҳиши нодир дар илми мурофиаи судии ҷиноятӣ буда, бахри боз ҳам такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷиҳати таъмин ва риояи арзишҳои бунёдии Конститутсия, таҳкими амалияи судӣ бо мақсади амалишавии кафолатҳои конститутсионӣ пешниҳодҳои илмии мушаххаси унвоҷӯ нишон дода мешавад. Бе шак, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалияи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ метавонанд фарох истифода гарданд.

Нуқтаҳои илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмили қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти хоса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз

ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Диссертант вазифаҳоеро, ки дар диссертатсия гузоштааст, муваффақона иҷро кардааст. Вазифаҳои таҳқиқот бо ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқаманд мебошанд. Автореферат ба сохтор ва мундариҷаи диссертатсия комилан мувофиқ буда, унсурҳои заруриро дар бар мегирад. Бояд махсус қайд намуд, ки пешниҳодҳои амалии муаллиф, ки дар автореферат ҷой дода шудаанд, барои такмили қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ замина гузошта, баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ метавонанд саҳми арзишманд гузоранд.

Аз таҳлил ва барассии ҳамаҷонибаи автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ тахия гардидааст. Зимнан, автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро оид ба муаммоҳои амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ифода намудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки пажуҳиши рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин қонунгузории мурофиаи ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзуи рисола оид ба амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ маротибаи аввал мавриди таҳлили фарогири илмӣ-ҳуқуқӣ қарор гирифта, аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Нисбати шакл ва мазмуни рисола ва пешниҳодҳои асоснокшудаи муаллиф эрод надорем.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Н.М. Қаҳорзода ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» қобилияти баланди илмӣ ва эҷодкорӣ нишон додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти
давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикитон,734025, ш.Душанбе,
кучаи Асадулло Ғуломов №13. Ҳуҷраи 6

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои ИДҲ АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.
16.05.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикитон,734025, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 19